# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Тартиби расонидани кумаки тиббии ройгон аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ ба шахсоне, ки ба кумаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷ доранд

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 71 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Тартиби расонидани кумаки тиббии ройгон аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ ба шахсоне, ки ба кумаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷ доранд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
аз 27 апрели соли 2021, № 151
ш. Душанбе

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 апрели соли 2021, № 151

## Тартиби расонидани кумаки тиббии ройгон аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ ба шахсоне, ки ба кумаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷ доранд

1. Тартиби расонидани кумаки тиббии ройгон аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ ба шахсоне, ки ба кумаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷ доранд (минбаъд - тартиб), муносибатҳоро ҷиҳати аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ расонидани кумаки тиббии ройгон ба шахсоне, ки ба кумаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷ доранд, танзим менамояд.

2. Кумаки аввалияи тиббии ройгон ба шахсон ҳангоми беморӣ, ҳодисаҳои нохуш, осеббардорӣ, заҳролудшавӣ ва дигар ҳолатҳое, ки мудохилаи таъҷилии тиббиро тақозо менамоянд, расонида мешавад.

3. Субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ муассисаҳои хусусии тиббӣ ва шахсони воқеие ҳисобида мешаванд, ки фаъолияти хусусии тиббиро амалӣ менамоянд.

4. Кумаки таъҷилии тиббии ройгон дар чунин шаклҳо расонида мешавад:

- таъхирнопазир - ҳангоми бемориҳои шадиди ногаҳонӣ, ҳолатҳои хуруҷи бемориҳои музмин, ки ба ҳаёти бемор таҳдид менамоянд;
- таъҷилӣ - ҳангоми бемориҳои шадиди ногаҳонӣ, ҳолатҳои хуруҷи бемориҳои музмин бе нишонаҳои ошкорои таҳдид ба ҳаёти бемор.

5. Кумаки таъҷилии тиббӣ дар шароити дармонгоҳӣ аз тарафи кормандони субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ дар шароити дармонгоҳӣ фаъолиятдошта расонида мешавад.

6. Ҳангоми расонидани ёрии таъҷилӣ дар мавриди зарурӣ интиқоли тиббӣ амалӣ мегардад.

7. Ҳангоми мавҷуд будани нишондодҳои тиббии беморон аз шуъбаҳои ёрии таъҷилии тиббии субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ ба шуъбаҳои соҳавии муассисаҳои давлатии тиббӣ фиристода мешаванд.

8. Субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ, ки барои расонидани кумаки тиббии ройгон ба шахсони ба кумаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷманд, масъул мебошанд, барои риоя кардани тартибу шартҳо ва таъмини саривақтии он вазифадоранд.

9. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани тартиби мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

10. Баҳсҳо оид ба расонидани кумаки тиббии ройгон аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ ба шахсоне, ки ба кумаки таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷ доранд, тавассути Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё тариқи судӣ ҳал карда мешаванд.